# ПРОТОКОЛИ № 99

## маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016

## дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

**14- уми сентябри соли 2024** **шаҳри Душанбе**

**Аъзоёни Шуро, ҳамагӣ: 9 нафар**

**Иштирок доштанд: 9 нафар аъзоёни Шуро:**

| | |
|---|---|
| 1. Шарифов Зариф Раҳмонович | - *раиси Шуро*, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |
| 2. Самандаров Искандар Ҳусейнович | - *муовини раиси Шуро*, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |
| 3. Олимов Аловиддин Хайруллоевич | - *котиби илмии Шуро*, номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |
| 4. Қудратов Рустам Раҳматович | - *аъзои Шуро*, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |
| 5. Мирсаидов Аврор Бобоевич | - *аъзои Шуро*, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |
| 6. Насиров Рахимбек | - *аъзои Шуро*, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |
| 7. Пиризода Ҷалил Сафар | - *аъзои Шуро*, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |
| 8. Раҷабов Раҷаб Кучакович | - *аъзои Шуро*, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |
| 9. Раҳматзода Ҳайдар Бобо | - *аъзои Шуро*, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ |

14-уми сентябри соли 2024, соати $09^{00}$ дар толори Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146) маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 баргузор гардид.

**Раисикунанда**: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович.

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати Шуро бо шумораи 9 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, № 14/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузурии аъзои Шуро дар маҷлис 9 нафар аъзои Шуро иштирок доранд, ки аз онҳо 8 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, Шуро салоҳият дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи маҷлис гузоштаро баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори Шуро кӣ ягон пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки кори Шуро оғоз бахшида шавад.

Кӣ тарафдори он ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед: Тарафдор – 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф - нест.

Якдилона қабул гардид.

## <u>**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС**</u>:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.

**Баромад намуданд:**

1. Раисикунанда: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович;
2. Котиби илмии Шуро: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов Аловиддин Хайруллоевич;
3. Унвонҷӯ: Одиназода Амин Иброҳим.

Вобаста ба диссертатсияи баррасишаванда як қатор аъзои Шурои диссертатсионӣ саволҳои пурмуҳтаво пешниҳод намуданд:

1. Мирсаидов Аврор Бобоевич– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
2. Раҷабов Раҷаб Кучакович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
3. Пиризода Ҷалил Сафар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
4. Насиров Раҳимбек – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
5. Раҳматзода Ҳайдар Бобо– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Ба ҳамаи саволҳо унвонҷӯ Одиназода Амин Иброҳим ҷавобҳои мушаххас дод.

**Баромади роҳбари илмӣ:**

Қудратов Рустам Раҳматович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Баромади котиби илмӣ:**

Котиби илмӣ, матни пурраи тақризи ташкилоти пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тақризҳои ба унвонии Шурои диссертатсионӣ оид ба автореферати диссертатсия воридшударо қироат намуд. Ҳамаи тақризҳо мусбат буданд ва эродҳои дар онҳо қайдгардида, бештар характери тавсиявӣ доштанд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризҳо нишондодашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

**Баромади котиби илмӣ:**

Котиби илмӣ матни пурраи тақризи муқарризи расмӣ Толибов Қобил Қосимович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро қироат намуд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризи муқарризи якум нишондодашуда ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

**Баромади муқарризи расмӣ:**

Муқарризи расмӣ Наимов Бекмурод Қунғуротович – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризи омодакардаи худро қироат намуд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризи муқарризи расмӣ нишондодашуда тариқи ҷавобҳо баромад кард.

**Баромади мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:**

1. Пиризода Ҷалил Сафар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
2. Насиров Раҳимбек – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
3. Раҳматзода Ҳайдар Бобо – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

**Баромади раиси комиссияи ҳисоб:**

Насиров Раҳимбек – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои Шурои диссертатсионӣ қабулгардида, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, саҳеҳият, коркарди илман асоснокшуда, навгонии илмӣ, аҳамияти натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Одиназода Амин Иброҳим

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Одиназода Амин Иброҳим дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

**Раисикунанда:** Кӣ тарафдори қабули қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед:

Тарафдор – 9 нафар. Зид – нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

**Раисикунанда:** Иҷозат диҳед, унвонҷӯро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шурои диссертатсионӣ барои фаъолияти пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин маҷлиси навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Шарифов З.Р.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Олимов А.Х.**

Имзои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.